# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25-уми январи соли 2025, № 97**

Барои сазовор донистани Раҳимов Саидалӣ Холович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит санаи 30-юми августи соли 2024, қарори №81а аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллиӣ Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2021 таҳти №349 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Раҳимов Саидалӣ Холович 08 декабри соли 1969, дар ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд таввалуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик. Раҳимов Саидалӣ Холович соли 1987 ба шуъбаи рӯзонаи факултети баҳисобгирию иқтисодии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дохил шуда, онро соли 1993 аз руйи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагӣ» хатм намудааст. Солҳои 1988-1989 дар сафи Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат кардааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 1993 дар ҶС «Диловара»-и шаҳри Панҷакент оғоз карда, то соли 1997 дар вазифаҳои муҳосиб, ҷонишини сармуҳосиб ва сармуҳосиб кор кардааст. Солҳои 1997-2008 дар вазифаҳои ассистент, муаллими калони кафедараи «Баҳисобгирии бухгалтерӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Соли 2007 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Идоракунии хароҷот дар соҳаи хизматрасонии хоҷагии меҳмонхонаҳо» (дар маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон), зери роҳбарии н.и.и., дотсент Менгниев А.Х. ва мушовири

илмӣ, д.и.и., профессор Уроқов Д.У. дар шурои диссертатсионии К 73.7.013.01 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ҳимоя намудааст.

Солҳои 2008-2010 дар вазифаи дотсенти кафедраи «Ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит»-и Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2010-2014 ба тариқи интиқол аз Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ба Донишкадаи молияи Тоҷикистон ба вазифаи мудири кафедраи ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит гузаштааст. Солҳои 2014-2016 дар Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар вазифаи дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит фаъолият намудааст.

Солҳои 2016-2019 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар вазифаи муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит кор кардааст.

Солҳои 2019-2021 дар вазифаи дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият намудааст.

Солҳои 2021-2022 дар вазифаи дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат кор кардааст.

Аз сентябри соли 2022 то ҳол дар вазифаи дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кор мекунад.

Солҳои 2019-2023 ҳамчун докторанти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Мушовири илмӣ:**

**Низомов Самариддин Фахриевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Амонова Дилбар Субҳоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**Навруз-Зода Бахтиёр Негматович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бухоро (Ҷумҳурии Ӯзбекистон);

**Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризҳои мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ ½) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович омода карда шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит ва кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 8-уми январи соли 2025, суратҷаласаи № 6/1 муҳокима гардида, аз тарафи раискунандаи ҷаласа д.и.и., дотсент Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич имзо гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Хайрулло Холназар 9-уми январи соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит аз рӯйи навгонӣ, муҳиммият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ ба баҳои мусбат сазовор буда, таҳқиқоти мустақил ва баанҷомрасонидашуда буда, мавзуи муҳимми назариявӣ, методологӣ ва амалӣ мебошад, ба бандҳои 32, 33, 34 ва 35 «Татиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун саҳми муҳимми муаллиф дар рушди назария, методология ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат баррасӣ намудан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф қобилияти ӯро оид ба татбиқи усулҳои таҳлили илмӣ ифода менамояд, ки барои назарияи илми иқтисодӣ ва амалияи хоҷагидорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Муҳиммияти амалии таҳқиқот дар коркарди тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ асос меёбад. Диссертатсия ҷанбаҳои асосноккардашудаи илмӣ ва хулосаву тавсияҳоро доро буда, ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мувофиқат мекунад ва муаллифи он Раҳимов Саидалӣ

Холович сазовори дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

Унвоҷӯй 63 кори илмӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла 2 монография, 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Автореферати диссертатсия ва корҳои илмии нашршуда пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Монографияҳо:**

1. Рахимов С.Х. Управление затратами в гостиничном хозяйстве. Монография / С.Х. Рахимов // Душанбе: «Ирфон», 2007. – 104 с. ISBN 978-99947-41-72-4.
2. Раҳимов С.Х. Ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ: назария ва амалия. Монография / С.Х. Раҳимов // Душанбе: «Ирфон», 2023. – 254 с. ISBN:978-99985-75-29-5.

**Б) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

3. Рахимов, С.Х. Основные направления развития высшего образования в сфере туризма в Республики Таджикистан [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник педагогического университета имени С.Айнӣ. Серия естественных наук. – 2019. – № 1-2. (1-2) – С. 86-90. ISSN 2707-9996.
4. Рахимов, С.Х. Состояние и перспективы развития международного туризма в современных условиях [Текст] / Ф.С. Обидов, С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 3 (28). – С. 198-204. ISSN 2308-054X.
5. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои хадамоти меҳмонхонадорӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов, З.З.Ғуломова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – № 4 (29). – С. 149-154. ISSN 2308-054X.
6. Раҳимов, С.Х. Идоракунии самараноки соҳаи меҳмонхонадорӣ дар самти хизматрасонӣ ба сайёҳон [Матн] / С.Х. Раҳимов // Маҷаллаи илмии «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. – 2019. – № 4 (85). – С. 229-233. ISSN 2074-5435.
7. Раҳимов, С.Х. Мавқеи тиҷорати меҳмонхонадорӣ дар низоми индустрияи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ» – 2019. – № 4 (44). – С. 153-158. ISSN 2664-0651.

8. Рахимов, С.Х. Организация бухгалтерского учета деятельности предприятий туристического бизнеса [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции.– 2020. – № 1 (30). – С. 155-161. ISSN 2308-054X.

9. Рахимов, С.Х. Оценка влияния глобализации на внедрение инновационных технологий в индустрии гостеприимства [Текст] / С.Х. Рахимов, Б.Х. Каримов. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции.– 2020. – № 1(30). – С. 117-123. ISSN 2308-054X.

10. Рахимов, С.Х. Учетная политика на предприятиях туристической отрасли для целей бухгалтерского учета [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук..– 2020. – № 8. – С. 22-28. ISSN 2413-5151.

11. Рахимов, С.Х. Идентификация объектов внутреннего контроля на туристических предприятиях [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук..– 2020. – № 9. – С. 123-128. ISSN 2413-5151.

12. Рахимов, С.Х. Кластерная модель организации туристического бизнеса в современных условиях [Текст] / С.Х. Рахимов // Теоретический и научно-практический журнал Таджикского аграрного университета. «Кишоварз».– 2021. – № 1(90). – С. 155-162. ISSN 2074-5435.

13. Раҳимов, С.Х. Нақши туризм дар рушди хадамоти меҳмонхонаҳо [Матн] / С.Х. Раҳимов, З.З. Ғуломова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (37). – С. 165-170. ISSN 2308-054X.

14. Рахимов, С.Х. Особенности инноваций в туризме [Текст] / С.Х. Рахимов, У.Т. Саломова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 1 (40). – С. 206-211. ISSN 2308-054X.

15. Рахимов, С.Х. Оценка качества комплексного туристского продукта [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 1 (40). – С. 244-248. ISSN 2308-054X.

16. Рахимов, С.Х. Совершенствование управления затратами туристских компаний [Текст] / С.Х. Рахимов // Теоретический и научно-практический журнал Таджикского аграрного университета «Кишоварз». – 2022. – № 1 (94). – С. 108-112. ISSN 2074-5435.

17. Рахимов, С.Х. Учетно-аналитическое обеспечение организации туристической деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов // Научно-

теоретический журнал «Вестник ТГУПБП», Серия общественных наук. – 2022. – № 2 (91). – С. 93-99. ISSN 2411-1945.

18. Рахимов, С.Х. Особенности предложения туристского продукта в условиях использовании информационных технологий [Текст] / С.Х. Рахимов // Журнал «Экономика Таджикистана» Института экономики и демографии Национальной Академии наук РТ. – 2022. – № 2. – С. 158-163. ISSN 2310-3957.

19. Рахимов, С.Х. Совершенствование учета и контроля для измерения туристских услуг [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 2 (41). – С. 126-132. ISSN 2308-054X.

20. Рахимов, С.Х. Особенности учета формирования операционных расходов туристских предприятий [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 2-2 (47). – С. 117-127. ISSN 2308-054X..

21. Раҳимов, С.Х. Модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 2(41).– С. 66-74. ISSN: 2663 -0389.

**В) Дар дигар нашрияҳо:**

22. Раҳимов, С.Х. Мавқеи низоми назорати дохилӣ дар идоракунии соҳаи меҳмонхонадорӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавии илм ва таълим // Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалӣ ч. 2 (ш. Панҷакент,13-14 феврали соли 2017). – Панҷакент: ДОТ дар ш. Панҷакент , 2017. – 400 с.– С. 45-50

23. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷот дар туризм [Матн] / С.Х. Раҳимов, Ф.М. Оқилов / Равандҳои муосири муносибатҳои пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёт // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе,15 феврали соли 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 360 с. – С. 246-249

24. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хизматрасонии сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Актуальные проблемы учета, анализа и аудита в АПК // Сборник научных статьей Таджикского аграрного университета (г. Душанбе, 2020г.). – Душанбе: ТАУ им. Ш.Шотемур, 2020. – 378 с. – С. 121-135

25. Рахимов, С.Х. Особенности учета доходов и расходов туристической деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов / Рушди фанҳои дақиқ–омили муҳимми таъмини саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конфронси донишкадавии илмӣ-назариявии

устодону донишҷуён (ш. Душанбе, 23-24 апрели соли 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 400 с. – С. 47-52

26. Рахимов, С.Х. Совершенствование управления расходов туристических предприятий [Текст] / С.Х. Рахимов / Бухгалтерский учет, анализ и аудит в условиях глобализации экономики // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 марта 2020г.). – Душанбе: ИТПС, 2020. – 252 с.– С. 174-179

27. Рахимов, С.Х. Особенности учета и контроля на предприятиях туризма [Текст] / С.Х. Рахимов / Бухгалтерский учет, анализ и аудит в условиях глобализации экономики // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 марта 2020г.). – Душанбе: ИТПС, 2020. – 252 с. – С. 17-20

28. Раҳимов, С.Х. Организация контрольно–аналитических процессов бухгалтерского учета в условиях автоматизированной системы обработки информации [Текст] / С.Х. Рахимов / Региональная интеграция как фактор производственного предпринимательства в Республике Таджикистан // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 31 октября 2020г.). – Душанбе: ИТПС, 2020. – 198 с. – С. 135-140

29. Раҳимов, С.Х. Нақши низоми иттилоотии идоракунӣ дар туризм [Матн] / С.Х. Раҳимов / Региональная интеграция как фактор производственного предпринимательства в Республике Таджикистан // Материалы республиканской научно–практической конференции (г. Душанбе, 31 октября 2020г.). – Душанбе: ИТПС, 2020. – 400 с. – С. 140-143

30. Раҳимов, С.Х. Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конфронси илмӣ -амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 7 декабри соли 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 322 с.– С. 311-313

31. Рахимов, С.Х. Совершенствование системы внутреннего контроля на предприятиях туристической деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов / Современное состояние и перспективы развития бухгалтерского учета, анализа и аудита в Республике Таджикистан // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 27 марта 2021г.). – Душанбе: ИТПС, 2021. – 324 с. – С. 29–33

32. Рахимов, С.Х. Особенности формирования туристического продукта [Текст] / С.Х. Рахимов / Истиқлолияти давлатӣ: асоси ташаккули таҳким ва рушди давлатдории миллӣ // Маводи конфронси илмӣ-амалии

ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни 30–юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 8 майи соли 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – С. 74-81

33. Рахимов, С.Х. Проблемы управления качеством туристических услуг [Текст] / С.Х. Рахимов, К.И. Изатов / Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинги муосир дар саноати сайёҳӣ // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 18 декабри соли 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – 368 с. – С. 169-171

34. Рахимов, С.Х. Основные направления формирования рынка туристических услуг [Текст] / С.Х. Рахимов / Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинги муосир дар саноати сайёҳӣ // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 18 декабри соли 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – 368 с. – С. 187-193

35. Рахимов, С.Х. Методические основы контроля деятельности туристских предприятий [Текст] / С.Х. Рахимов /Танзими иқтисодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 29 январи соли 2022). – Душанбе: ДССХ, 2022. – 402 с. – С. 96-104

36. Раҳимов, С.Х. Таъсири рақамикунонӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276с. – С. 207-211

37. Рахимов, С.Х. Учет в условиях цифровой экономики [Текст] / С.Х. Рахимов / Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У (Қисми 2), (ш. Душанбе, 21–23 майи 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – 400 с. – С. 213-217

38. Рахимов, С.Х. МСФО в туризме [Текст] / С.Х. Рахимов / Совершенствование финансово-кредитных отношений как основа реализации четвертой национальной цели – ускоренной индустриализации страны // Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 мая 2022г.). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 300 с. – С. 77-80

39. Рахимов, С.Х. Особенности ценообразования на рынке туристских услуг [Текст] / С.Х. Рахимов, К.И. Изатов / Антикризисное

государственное регулирование реального сектора экономики Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации страны // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 26 сентября 2022г.). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 234 с.– С.154-157

40. Рахимов, С.Х. Внедрение автоматизированных информационных систем учета и анализа в туризме [Текст] / С.Х. Рахимов / Информационно–коммуникационные технологии – важный фактор развития в современном мире // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 10 декабря 2022г.). – Душанбе: ДБССТ, 2022.– 268 с. – С.72-76

41. Раҳимов, С.Х. Ташаккули сохтори ташкилии идоракунӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов, Ф.А. Марипова / Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ – омили муҳимми рушд дар ҷаҳони муосир // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 10-уми декабри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022.– 268 с. – С. 221-225

42. Рахимов, С.Х. Аудит в туризме и туристской деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов, Р.У. Рустамов / Нақши Тоҷикистон дар ҳалли масоили муосири экологӣ бо ҳадафи рушди устувор ва таъмини амнияти экологӣ // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 17-уми декабри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022.– 228 с. – С. 111-115

43. Рахимов, С.Х. Маркетинговые расходы туристических предприятий: учетный аспект [Текст] / С.Х. Рахимов / Актуальные вопросы бухгалтерского учета, анализа иаудита в современных условиях // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 марта 2023г.). – Душанбе: МУТПТ, 2023.– 275 с. – С. 40-44

44. Рахимов, С.Х. Бухгалтерский учет и отчетность субъектов туристической деятельности как база для контроля и анализа [Текст] / С.Х. Рахимов / Нақши сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар раванди амалисозии ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конфронси илмӣ-назариявии донишгоҳӣ (ш. Душанбе, 21–22-юми апрели соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023.– 228 с.– С. 111-115

45. Раҳимов, С.Х. Фаъолияти экологӣ дар низоми баҳисобгирии корхона [Матн] / С.Х. Раҳимов, З.З. Ғуломова, Ш.Ҷ. Ализода / Тоҷикистон ташаббускори масоили обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо, бахшида ба эълон гардидани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 372 с. – С. 64-67

46. Раҳимов, С.Х. Методикаи ташкили ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Масъалаҳои мубрами низоми молиявӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Хуҷанд, 3 майи соли 2023). – Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. “Меъроҷ”, 2023. – 200 с. – С. 118-124.

47. Рахимов, С.Х. Место контроля в управлении туристической деятельностью [Текст] / С.Х. Рахимов / Государственное управление процессом внедрения цифровых технологий в отраслях промышленности в условиях ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан // Материалы республиканской научно–практической конференции (г. Душанбе, 29 сентября 2023г.). – Душанбе: МУТПТ, 2023– 278 с. – С. 73-76

48. Раҳимов, С.Х. Хизматрасонии меҳмонхонаҳо ҳамчун як намуди маҳсулоти сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Мушкилот ва дурнамои рушди иқтисодиёт ва менеҷмент дар Тоҷикистони муосир // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 31-уми октябри соли 2023). – Душанбе, ДБССТ, 2023– 300 с. – С.173-177.

49. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо. // Маҷмӯаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш.Душанбе, 7-уми декабри соли 2023). – Душанбе, ДБССТ, 2023. – 363 с. – С. 238-242.

50. Раҳимов, С.Х. IT-МОДЕРНИЗАЦИЯ и бухгалтерский учет [Текст] / С.Х. Раҳимов / Актуальные вопросы развития бухгалтерского учета, аудита, анализа, налогообложения, государственного финансового контроля: современные вызовы и вектор развития // Материалы I международной научно-практической конференции (19-20 января 2024 г.) /под. ред. д.э.н., проф. Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе, типография ТНУ, 2024. – 569 с. – С. 219-226. ISBN: 978-99985-46-16-5.

51. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии ҳавасмандгадонии моддии кормандон дар корхонаҳои сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Масоили мубрами илми муосир // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (23-24 апрели соли 2024) – Душанбе: ДБССТ, 2024. – 734 с. – С. 534-536.

52. Рахимов, С.Х. Роль контроля в управлении деятельности туристских предприятий [Текст] / С.Х. Рахимов / Муаммоҳо ва дурнамои

инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат // Маҷмӯаи маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ. 31-уми майи соли 2024. – Душанбе: ДБССТ, 2024. – 571 с. – С. 344-348.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд, аз:**

1. **Раҳматзода Рустам** – Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.и., профессор бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф бартарияти дар корхонаҳои сайёҳӣ истифодабарии талаботҳои СБҲМ-ро таъкид намудааст, аммо ин батариятҳоро пурра накушодааст;

2. Дар автореферат пешниҳоди муаллифӣ оид ба бознигарӣ намудани барномаҳои таълимии макотиби олӣ ва миёнаи махсусе, ки муҳосибонро тайёр мекунанд оварда шудааст, лекин роҳҳои ҳалли он нишон дода нашудааст.

2. **Самандарзода И.Ҳ.** - д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи агарии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, бо чунин эрод: аз ҷониби муаллиф усулҳои таснифоти гуногуни хароҷот дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод шудааст, аммо дар автореферат таҳлили самаранокии истифодабарии онҳо муйаян карда нашудааст.

3. **Қодирова Г.Т. -** д.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эрод: дар саҳифаи 34 оид ба ташкили марказҳои масъулият дар корхонаҳои сайёҳӣ нақши маркази масъулияти сатҳи поёнӣ ҳамчун маркази ташаккули хароҷоти маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ пурра кушода нашудааст.

4. **Ризозода Т.Р.** – д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф усулҳои гуногуни баҳисобгириро дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод ва амалӣ намудааст, аммо дар афтореферат самаранокии иқтисодии онҳо муйян карда нашудааст;

2. Мавзуи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ мебошад, бинобар ин дар таҳқиқотҳои оянда васеъ намудани объект пеш меояд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** роҳҳои мукаммалгардонии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, тартиби муайян намудани арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ, баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот, муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ-хоҷагидорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои амалкунандаи танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва талаботи СБҲМ, вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ коркард карда шуд;

- ***пешниҳод шудааст:*** бо мақсади такмили низоми мавҷудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, арзишмуайянкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ таҳия кардани санадҳои меъёрии соҳавӣ, низомномаҳо, дастурамалҳо, стандартҳо ва қоидаҳо ҳатмӣ буда, бо ташкил кардани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ тибқи талаботи СБҲМ барои ташаккули иттилооти эътимоднок заминаи воқеӣ муҳайё мегардад;

- ***исбот шудааст***, ки айни замон ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи СБҲМ ба роҳ монда намешавад ва баҳри мукаммалгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ вобаста ба хусусиятҳои соҳавии онҳо моделҳои муосири сиёсати баҳисобгирии фарогирандаи ҳамаи паҳлӯҳои низоми баҳисобгирӣ: баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андозӣ коркард карда шудааст;

- ***асоснок карда шудааст***, ки барои корхонаҳои сайёҳии мамлакат ташкил кардани назорати дохилӣ аз рӯйи марказҳои масъулият муфид буда, барои таъмин намудани раванди бомароми низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ кӯмаки амалӣ мерасонад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавӣ ва талаботҳои СБҲМ ва иқтисодиёти рақамӣ коркардҳои муаллифӣ пешниҳод карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** диалектикӣ оид ба мавзуи таҳқиқотшаванда, ки омӯзиши таҳаввулоти муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин карда метавонад, аз қабили усулҳои умумиилмӣ, ба монанди: абстраксияи илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва синтез ва усулҳои махсус: усулҳои таърихӣ, системавӣ, комплексӣ, гурӯҳбандӣ, моделсозӣ, муқоисавӣ, индексӣ, монографӣ ва ғайра истифода шудаанд;

- ***баён шудани*** равиши инфиродии баҳисобгирии хароҷот, арзишмуайянкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, даромад ва натиҷаи молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ. Дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки дар корхонаҳои сайёҳӣ истифодабарии усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷудбуда имкон дорад. Таҳқиқоти муаллифӣ нишон додааст, ки истифодабарии усулҳои дигари арзишмуайянкунӣ тибқи талаботҳои СБҲМ дар баробари усули фармоишӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, ки хизматрасониҳои инфиродӣ ё миёнаравиро пешниҳод менамоянд, хеле мувофиқ аст;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки вобаста ба низомҳои гуногуни андозбандӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, сохтори ташкилӣ ва намуди фаъолияти онҳо, пешниҳод намудани намудҳои гуногуни хизматрасониҳои сайёҳӣ, ба расмият даровардани муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо, ҳуҷҷатикунонии амалиётҳои хоҷагидорӣ, тартиби муайян намудани натиҷаи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории онҳо хусусиятҳои фарққунанда доранд. Бинобар ин, дар баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии ҳар як

намуди онҳо дар ҳисобҳои иловагии пешниҳодшуда, дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, мутобиқи талаботҳои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳавӣ истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст;

- ***омӯзиши*** асосҳои назариявӣ ва амалии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ бо роҳи буҷетикунонӣ, ташкили марказҳои масъулият дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва ҷавобгарии шахсони масъул ба роҳ монда шуда, методикаи назорати ҳар як намуди хароҷот, фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, даромад аз фурӯш, натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бо риоя намудани пайдарпайии маросимҳои назоратӣ ба рушди методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва таъминоти иттилоотӣ бо мақсади идоракунии самаранок пешниҳод карда шудааст;

- ***аз нав такмил додани*** методология, методика, ташкил ва технология бо роҳи моделсозӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ воситаи муҳим ва калидии методологии муттаҳидкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Дар асоси моделҳои амалкунандаи соҳавӣ модели баҳисобгирии хароҷот ва даромади хизматрасонии корхонаи сайёҳӣ, тавсифи мундариҷаи унсурҳои модели баҳисобгирии хароҷот ва даромади корхонаи сайёҳӣ, модели алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ барои фаъолияти пурсамари корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба хизматрасонии гуногунҷабҳа машғуланд ва барои мукаммалгардонии донишҳои иқтисодию ҳуқуқии муҳосибони дар амалия фаъолияткунандаи корхонаҳои сайёҳӣ мусоидат менамояд ба ҷо оварда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи онро дар вақти коркарди муқаррароти назариявию методологӣ оид ба такмил додани низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ дар мамлакат истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранокии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо ва марказҳои масъулият мавриди татбиқ қарор дода шудаанд;

- ***натиҷаҳои таҳқиқоти*** методологию назариявии гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун базаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва

назорат, алалхусус дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонад;

- ***коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар тадриси фанҳои тахассусии муассисаҳои таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо маълумотномаи №543 аз 23.10.2023, ва фаъолияти амалии корхонаҳои сайёҳӣ: санади татбиқ дар ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» таҳти №40 аз 16.10.2023, маълумотномаи Ширкати сайёҳии ҶДММ «Расул тур» таҳти №7/3 аз 21.10.2023, санади татбиқ аз ширкати сайёҳии ҶДММ «Ориент Адвентур» таҳти №53 аз 14.10.2023 истифода шудаанд;

- ***муайян карда шуд,*** ки хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ аз дигар соҳаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла хизматрасонӣ фарқкунанда буда, ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили низоми назорати дохилӣ, усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии даромадҳо ва муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ, тартиби ҳуҷҷатикунонии амалиёти хоҷагидорӣ, ба расмият даровардани муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва чараёни ташкили фаъолияти муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ равишҳои махсусро талаб мекунанд;

- ***офарида шуд:*** намунаи модели сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун ҳуҷҷати дохилии танзим ва ташкили баҳисобгириии муҳосибӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ, тартиби баҳисобгирии хароҷоти корхонаҳои сайёҳӣ ва муайянкунии арзиши маҳсулоти (хизматрасониҳои) сайёҳӣ, модели низоми назоратӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ, модели баҳисобгирии хароҷот ва даромади хизматрасонии корхонаи сайёҳӣ, модели алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ барои аниқ муайян намудани натиҷаиҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, ки эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявиро таъмин менамоянд;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** самтҳои асосии мукаммал намудани методологияи ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо роҳи таъмини масъалаҳои ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, коркарди ҳуҷҷатҳои танзими меъёрию ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассусмандии кормандони соҳаи баҳисобгирӣ, рушди методии ҳуҷҷатгузории амалиёти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва ташаккулии

низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, аз рӯи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни хориҷию ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ: (молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ, андоз), назорат, таҳлил, ки ба таҳқиқи такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ машғул шудаанд, инчунин таҳқиқоти корхонаҳои сайёҳии шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯйи сегментҳо, бизнес – ҷараёнҳо, сохторҳои таркибӣ ва ғайраҳо ташаккул ёфтааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот дар асоси барномаҳои давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ба андешаи олимони соҳаи иқтисодӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил ва аудит, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи низоми баҳисобгирии муҳосибии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти корхонаҳои сайёҳии ватанӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии шабакаи «Internet» инчунин коркардҳо аз ҷониби муаллиф ***асоснок шудааст;***

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди методологияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои зикршуда ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи равишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, назорати дохилӣ ва коркарди тавсияҳо баҳри баландбардории самаранокии идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат ва рушди корхонаҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат мебошад.

- мукаммал намудани **методологияи** ташаккул ва пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ ба мутобиқ намудани ин низом ба талаботҳои СБҲМ ва иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, ки боиси боло рафтани рақобатпазирии корхонаҳои сайёҳии ватанӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, тақвияти иқтидори ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат, дар заминаи истифодаи усулҳои муосири пешниҳоди иттиллооти молиявӣ ба истифодабарандагони дохилию берунӣ бо дарназардошти татбиқи талаботҳои СБҲМ дар таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мегардад.

- муаллиф **методикаи** ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳиро дар заминаи ҷамъбастнамоиҳои назариявӣ, илмӣ ва амалӣ таҳлил намудааст ва пешниҳоду тавсияҳо кор карда баромадааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти дисертатсиониро ҳангоми коркардабарории муқарраротии назариявӣ ва методологӣ оид ба мукамалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан бамаврид мебошад.

- муқаррароту хулосаҳо ва нуктаҳои муҳими диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмиллалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Институти ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи рисола дар солҳои 2019 – 2024 дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо маълумотномаи №543 аз 23.10.2023, санади татбиқ дар ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» таҳти №40 аз

16.10.2023, маълумотномаи Ширкати сайёҳии ҶДММ «Расул тур» таҳти №7/3 аз 21.10.2023, санади татбиқ аз ширкати сайёҳии ҶДММ «Ориент Адвентур» таҳти №53 аз 14.10.2023);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 63 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 39,75 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф -36,5 ҷузъи чопӣ), аз ҷумла 2 монография ва 19 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2019-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 аз санаи 25.01.2025 қарори сазовор донистани Раҳимов Саидалӣ Холович бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд 15 нафар овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**25.01.2025**